**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ЗАХИРАҲОИ ГЕНЕТИКӢ**



**Баротов Ф.М., Муродов Ш.С., Аминов Х.Ф.**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ ОЛӮ ВА РОҲҲОИ ХУШКОНИДАНИ МЕВАИ ОН

Душанбе – 2024

Муалифон:

Баротов Ф.М., номзади илмҳои кишоварзӣ

Муродов Ш.С., номзади илмҳои биологӣ

Аминов Х.Ф., мудири шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахш тартиб доданд.

Муҳаррир: Шомуродова С.Б ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захирахои генетикии АИКТ

Тавсиянома барои боғпарварон, мутахассиону роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, донишҷуёну унвонҷуён ва хоҳишмандони соҳа пешниҳод карда мешавад.

Тавсиянома дар Шурои олимони Маркази миллии захирахои генетикии АИКТ № 4 дар санаи 23.04.2024 барои нашр намудан тасдиқ карда шудааст.

# МУНДАРИЧА

Пешгуфтор………………………………………………2

Хусусиятҳои биологии олӯ……………………………4

Парвариши ниҳол………………………………………8

Бунёди боғ………………………………………………9

Интихоби навъ…………………………………………9

Интихоби замин………………………………………10

Ташкили қаламрави боғ…………………………........11

Тайёр кардани замин ва шинонидани ниҳолҳо………...12

Коркарди агротехникии боғи олӯ……………………..14

Шаклдиҳии шохсор ва буридани шоху навдаҳо………15

Истифодабарии хок…………………………………...18

Ғизодиҳӣ…………………………………………………..19

Обёрӣ…………………………………………….........20

Ҳашаротҳо ва касалиҳои зараррасони олӯ……………...21

Тайёр кардани қоқи олӯ………………………………26

Адабиётҳо………………………………………………29

## Пешгуфтор

Олуи хушк карда шуда (чернослив) – мафҳуми умумии маҳсулоти аз меваи як қатор навъҳои олу, дар натиҷаи хушконидан ҳосил щуда мебошад.

Ин маҳсулоти ниҳоят фоиданок буда, лаззати хело гуворо дорад. Манфиатнокии ин маҳсулот бештар аз хусусияти табобатию шифобахшии он бар меояд. Чунки кариб ҳамаи моддаҳои фоиданоки дар таркиби меваи тараш будаpo: ангиштобаҳо – фруктоза, глюкоза, сахароза; туршиҳои органикӣ – себӣ, лимугӣ, шухлагӣ; пенктин; моддаҳои дабоғи ва гидрогенӣ; витаминҳои A,C,B,$B_2$,P; маъданҳо – калий, фосфор, натрий, калсий, магний ва оҳанро, дорост.

Дар таркиби қоқи олӯ, дар маҷмӯъ, қандҳо то 57,8%, туршиҳои органикӣ 3,5%, ғозҳо ва наххҳои ғизоӣ 1,6%, моддаҳои минералӣ – натрий 104 мг%, калий 864 мг%, калсий 80 мг%, фосфор 80 мг%, оҳан 15 мг%, мавҷуд аст.

Афзудани талабот ба қоқи олу дар солҳои охир аз сифати ғизоию хусусиятҳои доругию табобатии он маншаъ гирифтааст. Арзиши баланди нерӯи ғизогиаш ба 231 Ккал баробар аст. Бо туфайли зиёд будани ғозҳо ва наххҳои ғизои дар таркибаш, барои роххои узвҳои ҳозима зарур аст. Барои табобати касалиҳои меъдаю рӯда  ҳар рӯз 5-6 меваи қоқи олу хӯрдан кофӣ мебошад.

Дар як рӯз хӯрдани ин миқдор меваи он на танҳо организмро табобат мекунад, балки баданро аз фарбеҳшави нигоҳ медорад. Қоқи олу хусусиятҳои хуби зидди бактериявӣ дошта, дар бунияи одам афзоиши бактерияҳои касалиовари ковоки даҳонро паст карда, то нестшави мебарад. Онро ҳамчун маҳсулоти парҳези дар бисёр ғизоҳои ҳозиразамон истифода мебаранд. Дар давраи аввали касалиҳои дилу раг нисбати дигар маводҳои доругии табӣ фоиданокии қоқи олу бештар аст. Он дар буния фишор, мубодилаи моддаҳо ва кори меъдаю рӯдаро муътадил мегардонад. Дар баробари ин, қоқи олу барои касалиҳои гурда, ҷигар, буғумдард, фикрпарешонӣ, манфиатнок

аст. Бо туфайли бисёр доштани витамини А, ба беҳтаршавии биноии чашм мусоидат мекунад.

Аҳамияти ғизоию табобатӣ доштанаш сабаби моли содироти гаштани он дар як қатор мамлакатҳо гардида, мизоҷони худро дар бозори беруна пайдо кардааст. Имрӯз содироткунандаи асосии ин маҳсулот мамлакатҳои Аргентина, Чили, ИМА ва Фаронса ба ҳисоб мераванд.

Шароити хоку иқлими Тоҷикистон барои парвариши олу хело мувофиқ аст.

Олимони Тоҷикистон солҳои 70-80-уми асри гузашта омӯзиши васеъи навъҳои гуногуни олу, аз он ҷумла навъҳои хушкшавандаи онро гузарониданд. Онҳо муайян карданд, ки ҳамаи навъҳои асосии олу ҳамасола ҳосили баланду сифатнок медиҳанд. Потенсиали ҳосилнокии он, дар ҳолати таъмини хуби корҳои агротехникӣ ба 160-250 с/га баробар аст.

Дар ин асос як қатор навъҳои он солҳои пешин дар боғдории ҷумҳури васеъ истифода мешуданд. Мутаасифона коркарди меваи хушки онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ҳамин сабаб ҷойи навъҳои меваи қокдиҳандаро навъҳои дурагаҳои олую олуча ба монанди Победа, Южная красавитса, ки бо барвақт пухтани меваашон дар бозор мизоҷони худро доранд, ишғол карданд. Навъҳои қоқи хубдиҳанда имрӯз бештар дар хоҷагиҳои назди ҳавлигӣ боқӣ мондааст.

Ҳоло муносибати бозоргонӣ ва талабот ба қоқи олу дар бозори дохилию беруна огоҳӣ медиҳад, ки парвариши ин навъҳо ва хушконидани меваи онҳоро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монем.

Дар мавриди аз низоми илмӣ асоснок ба роҳ мондани ин бахши боғдорӣ, дарояндаи наздик ҷумҳурӣ метавонад ба як мамлакати содироткунандаи ин маҳсулот табдил гардад.

## Хусусиятҳои биологии олу

Олу аз авлоди олу буда, ба зер оилаи олугиҳо, оилаи садбаргиҳо ва ба тартиби атргулон таалуқ дорад. Намояндагони авлоди он бештар дар минтақаҳои муътадили нимкураи шимолии (қитъаҳои Осиё, Европа, Америкаи Шимолӣ) мерӯянд. Олимон зиёда аз 40 намуди ин авлодро муайян карданд.

Аз байни намудҳояшон дар ҳамаи давлатҳо бештар олуи хонагӣ, ки пайдоишаш дурагагӣ аст, аҳамияти афзалиятноки хоҷагӣ дорад. Имрӯз дар дунё зиёда аз 2000 навъи он офарида шудааст, ки дар мамлакатҳои гуногун парвариш карда мешаванд.

Олуи хонагӣ растании дарахти якатана буда, баландиаш то 8-10 метр ва кутри соқаш 30-40 см мешавад. Суроби шохсори олу вобаста аз хусусияти биологии навъҳо, аҳромшакл ва васеъбар мебошад. Навъҳои Венгеркаи итолявӣ, Венгеркаи хонагӣ ва ғайра шохсори аҳромшакл доранд. Шохи олу 5-6 тартиби шохрони дорад. Аксарияти навъҳо хусусияти дар навдаҳои тартиби 4-5 боровариро доранд.

Дар олу навдачаҳои гуногуни кутоҳ дида мешаванд. Навдачаҳои дарозиашон то 5см чакак (думча) ном дорад, ки дар нӯгаш муғчаҳои гули ё сабзанда доранд. Дар навъҳои гуногун таносуби навдачаҳои кутоҳи ҳосилдиҳандаю сабзанда якхела нестанд.

Инчунин навъҳои олу аз ҳамдигар бо гуногунии қобиляти шохрони ва зичии шохсорашон фарқ доранд.

Шохсори анбӯҳ ва қобилияти қадкашии баланд барои Венгеркаи итолявӣ, Изюм – Эрик, Венгеркаи хонагӣ, Венгеркаи кодрини ва дигарон хос мебошад. Навъҳои Венгеркаи ажанӣ ва Алвена шохсори зичи миёна доранд.

Дар бағали барги олуи ҳосилдиҳанда то чор муғча якҷоя пайдо мешавад, ки одатан яктоаш нашвӣ буда се тои дигараш гули аст. Аз ҳар як муғчаи гулии олуи хонагӣ 1-2, баъзан 3 гул, аз

олуи Чинӣ ва Усурӣ 2-3 гул ва аз олуи Америкои 3-5 гул мебарояд.

Навъу намудҳои олу бо хусусияти ҳосилбандиашон аз ҳамдигар тафовути калон доранд. Б.Н Анзин ҳосилбандии олуро бо се гурӯҳ ҷудо мекунад:

-дар навдаҳои яксола ;

-дар навдачаҳои майдаи бисёрсола;

-дар навдаҳои яксола ва навдачаҳои майдаи умрашон кӯтоҳ.

Навъҳои гурӯҳи якум бо тез бороварию сермаҳсулнокиашон фарқ мекунанд. Лекин доимо муҳайё намудани шароити хуб барои қадкашии навдаҳоро талаб мекунанд. Дар акси ҳол ҳосилнокии дарахтон ва сифати мева паст мегардад.

Барои навъҳои гурӯҳи дуюм сабзиши навдачаҳои майдаи бисёрсола ё навдаҳои ҳосилдиҳанда хос аст, ки қариб ҳамаи ҳосил дар ҳамин навдачаҳо пайдо мешавад. Барои ин гурӯҳ муҳим он аст, ки дохили шохсор анбӯҳ нагардад, то ки дар навдачаҳои бисёрсола шароит муҳайё гардад, барг дуруст фаъолият кунаду ба пайдоиши муғчаҳои гули замина гузорад. Набудани чунин шароит, сабаби хушкшавии умумии навдачаҳои майда ва камҳосилӣ мегардад. Дар мавриди нигоҳубини нодурусти дарахтон навъҳои гурӯҳи дуюм солбанд мегарданд.

Ба гурӯҳи дуюм бештар навъҳои олуи хонагӣ таалуқ доранд. Лекин онҳо низ аз рӯи дарозумрӣ навдачаҳои майда ва ҷойгиршавии мева дар шохсор аз ҳам тафовут доранд. Дар баъзе навъҳо навдачаҳои майда 10-12 сол умр мебинанд ва дар давраи пурра ба ҳосилдаровӣ бештар навдачаҳои 2-8 сола мева мебанданд. Чунин хусусиятро навъҳои Анна Шпет, Ранняя синяя, Ренколд зелёний ва ғайра доранд. Бештари навъҳо Венгеркаи ажанӣ, Венгеркаи хонагӣ, Изюм – Эрик ва ғайра хусусияти кутоҳумрии навдачаҳои майдаро доранд, ки дар онҳо навдачаҳои 2-5 сола мева медиҳанд.

Давраи ҳайёти олу нисбатан тез мегузарад. Хусусан дар баъзе навъҳое, ки дар соли 1-2 ба боровари сар карда, солҳои 2-3-ӯми баъди шинондан ҳосили молӣ медиҳанд, чунин навъҳо барои бунёди боғҳои сермаҳсули олу хело муҳиманд.

Рушду нумуи босуботи олу дар 8-10 солагӣ мебошад, баъди 15-18 солаги пастравии ҳосилнокӣ сар мешавад.

Дар шароити мувофиқ навъҳои олуи хонагӣ то 40 сол ва зиёдтар аз он умр мебинанд. Боғҳои олу аз таъсири осеббинӣ аз касалию ҳашаротҳои зараррасон, номувофиқати тагпайванду пайванддуст, таъсири хунукию хушки барвақтар сирак мегарданд, нисбати он дарахтони солиме, ки пир мешаванд. Бинобар ин боғҳои олуро аз 20-25 сол зиёд нигоҳ доштан ба мақсад мувофиқ нест.

Навъҳои олу то кушодшавии барг ё дар як маврид, дар давраи кушодашавии барг гул мекунанд. Дар шароити Тоҷикистони Ҷануби давраи гулшукуфии олуҳо аз 20-ӯми феврал то 30-ӯми март ва дар Тоҷикистони Марказӣ аз 14.03 то 13.04 мегузарад.

На ҳамаи навъҳои олу қобилияти худгардолудшавӣ доранд. Навъҳои Венгеркаи итолянӣ, Венгеркаи хонагӣ, Раняя синяя, худгардолудшав мебошанд. Лекин навъҳои Венгеркаи ажанӣ, Изюм – Эрик, Ренколд зелёний ва дигарон қобилияти аз худгардолудшави надоранд. Бинобар ин, дар мавриди бунёди боғ аз онҳо навъҳои гардолудкунандаро низ интихоб кардан зарур аст.

Дар шароити Ҷумҳурӣ аз таъсири хунуки олу хело кам зарар мебинад. Аз таъсири сармои давомноки зимистони соли 1963 – 1964, ки хунуки дар сатҳи замин то 30- 35$^{o}$ расид, дар коллексияи Институти илми тадқиқоти хоҷаги қишлоқи Тоҷикистон, навъи Анна Шпет -80%, Венгеркаи узбекӣ 50% ва Ренколд фиолетовый 30% хушк шуд.

Аммо аз таъсири хунукиҳои баргарданда бештар дар минтақаҳои Тоҷикистони марказӣ узвҳои гул зарар мебинанд.

Олу нисбати дигар дарахтони мевадиҳанда ба шароити хок талаботи камтар дорад. Он дар ҳамаи хокҳои барои боғ мувофиқ месабзад. Лекин дар хокҳои серҳосили бо намӣ таъмин ҳосили баланд ва меваи сифатнок медиҳад. Нисбат ба себ ва дигар дарахтон ба хокҳои зичиаш баланд, махсусан дар заминҳои нишеб тобовар аст. Барои олу дар доманкӯҳҳо хокҳои шағалзаминҳои хушк номувофиқ аст. Он нисбати шафтолу, олуча ва зардолу дар чунин заминҳо сабзиши хуб намекунад.

Олу дар тагпайванди олуча ба шурии хок нисбатан устувории баланд дорад. Он бо миқдори 1,5 – 2 мг экв намакҳои хлоридӣ ва 4-5 мг экв намакҳои сулфатӣ дар 100 г хоки хушк, тоқат мекунад. Ба намнокии зиёди хок ва норасогии ҳавогузарони низ нисбати дигар донакдорон тобовар аст. Аз ҳамин лиҳоз, дар вақти ба нақшагирии бунёди боғҳои олу хусусиятҳои биологии онро ба ҳисоб гирифтан ниҳоят муҳим аст.

**Парвариши ниҳол**

Ниҳоли олуро бо се роҳ парвариш мекунанд.

1) Тухмиро корида аз он ниҳолҳоро парвариш намуда, бе пайванд дар ҷои доимӣ мешинонанд. Ин роҳ асосан дар корҳои селексионӣ ва бунёди ҷангалзорҳо истифода мегардад.

2) Бо роҳи нашвӣ (истеҳсоли ниҳолҳо дар решаи худаш).

3) Бо роҳи пайвандкунии ниҳолҳои хасак. Ин усули асосии парвариши ниҳол барои бунёди боғҳои олу ба ҳисоб меравад.

Тагпайванди асосии олу аз донакҳои олуҳои дастпарвар ва олуча парвариш карда мешавад. Барои ин, аввал дар вақти пӯхтани мева бо усули хунук (бе ягон коркард), донакҳоро ҷамъ ва дар ҳавои кушод хушк карда, дар халтаҳои қоғазӣ, канабӣ ё қуттиҳо нигоҳ медоранд.

Дар тирамоҳ (октябр-декабр) заминро нарм карда, ба он пору андохта, ба масофаи 70-80 см ҷӯяк кашида, донаҳоро яклухт дар қатор ё дар масофаи 20-25см аз якдигар 3-4 донагӣ мекоранд. Агар дар тирамоҳ имконияти кишт кардани донакҳо набошад,

он гоҳ онҳоро вобаста аз миқдорашон ҳандақ канда ё дар қуттиҳо зери қуми намнок мехобонанд. Аввали баҳор, то решабарорӣ (кафидани донакҳо), онҳоро дар замини кушод мекоранд. Ҳангоми  тирамоҳ кишт кардани донакҳо, аввали баҳор барои таъмини муътадили сабзиши онҳо, ҷӯякҳоро нарм мекунанд.

Пас аз сабзидани ниҳолҳо, дар давраи нашъу нумӯ, байни қаторҳо 5-8 маротиба дар чуқурии 6-12 см нарм карда мешавад. Дар мавриди бекучаткунӣ, пайванд кардан, ниҳолҳоро дар масофаи 20 - 25 см тоқа-тоқа кардан лозим аст. Барои нигоҳ доштани намнокии 70-80 %, хок 10-12 маротиба, баъди ҳар 8-12 рӯз об ва таъмини сабзиши хуби ниҳолҳо вобаста аз ғизонокии хок 1-3 маротиба ғизои иловагӣ бояд дод.

Дар ҳолати нигоҳубини хуб дар водии Вахш ва қисман Ҳисор ниҳолҳо то 15-20 - уми июн ва минтақаҳои дигар бошад, пас аз 15-20  - уми июл барои пайванд тайёр мешаванд.

Пеш аз гузаронидани пайванд ниҳолҳоро чунин омода месозанд: танаи ниҳолҳоро то баланди 15-20 см аз навдаҳо тоза намуда, алафҳои бегона ва ниҳолчаҳои борики зич ҷойгиршударо канда мегиранд. Ду се рӯз пеш аз пайвандгузаронӣ обери бардавом лозим аст.

Дар ин давра ниҳолҳоро бо ду усул пайванд кардан мумкин аст: муғчапайванди бағали (дар  буриши Т – шакл) ва муғчачаспонӣ.

Барои пайванд қаламчаҳоро аз дарахтони модарии пешакӣ санҷида (апробатсия) шудаи солим, ки навъи онҳо муайян карда шудааст, пагоҳирӯзии барвақт тайёр намуда, дар латаи тар ё плёнкаи полиэтиленӣ печонда, дар ҷойи соя нигоҳ медоранд. Дар майдонҳои калон асосан пайвандро дунафари мегузаронанд. Як нафар пайванд мекунад, шахси дуюум  пайвандҳоро бо тасмаи полиэтиленӣ печонда мебандад. Ҳамин тавр як звено дар як рӯз то 1000-1500 пайванд гузаронданаш мумкин.

Пас аз 15-20 рӯзи пайвандкунӣ санҷиш гузаронида, ниҳолҳои пайвандашон начаспидаро аз нав, аз ҳисоби ҳамон навъи пайвандкардашуда, такроран пайванд мегузаронанд.

Агар то 20-22 – ӯми июн пайванд гузаронида шавад, он гоҳ то охири сол ниҳолҳои пайвандии яксолаи ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯро парвариш кардан мумкин. Дар давраи пас аз 20- ӯми июн то 15-20 июл пайванд гузаронида намешавад. Чунки пайванди дар ин давра гузаронидашуда гарчанде сабзад ҳам, ба зимистонгузаронӣ омода намегардад ва аз таъсири сармои зимистон осеб диданаш мумкин.

Пайванди дар моҳи июл – август гузаронида шуда насабзида то баҳори оянда ором мемонад. Аввали баҳор тасмаҳои полиэтилениро кушода, ниҳолҳои тагпайвандро аз болои пайванд 0,5 – 1см болотар бурида мепартоянд. Дар навбати аввал 2-3 маротиба навдачаҳои аз танаи ниҳоли хасак сабзидаро, баъди ҳар 10-15 рӯз меканананд. То ки ниҳоли пайвандӣ хуб нашъу намо кунанд.

Дигар чорабиниҳои агротехникӣ, ба монанди нармкунии байни қаторҳо, нобуд кардани алафҳои бегона, обёрӣ, ғизои иловагӣ, бояд ба монанди қитъаи парвариши ниҳолҳои хасак гузаронда шаванд.

Илова бар ин, баъди 80-90 см қад кашидани ниҳолҳо, барои пайдо намудани навдаҳои паҳлӯӣ, нуқтаи сабзиши нӯги ниҳолҳоро сарчин мекунанд.

Тирамоҳ, агар ниҳолҳо ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯй шуда бошанд, онҳоро решакан карда, ба навъҳо ҷудо намуда, барои бунёди боғ дар ҷойи муайян мувaққатан решаашонро хокпӯш мекунанд.

## Бунёдии боғ

## Интихоби навъ

Самаранокӣ ва маҳсулнокии боғ аз интихоби дурустӣ навъҳо вобаста аст. Бинобар ин интихоби навъ пеш аз бунёди боғ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Интихоби навъ аз мақсади

боғи бунёдшаванда, дар кадом шакли молӣ истеҳсолшавии маҳсулот, самти истеъмолии он ва ғайра маншаъ мегирад.

Дар қаламрави Давлатҳои муштаракул манофеъ зиёда аз 30 навъи олуҳои меваи қоқи сифатнокдиҳанда, парвариш карда мешавад, ки дар байни онҳо навъҳои Венгеркаи итолиянӣ, Венгеркаи ажанӣ, Венгеркаи хонагӣ чун навъҳои намунавӣ дар ҷаҳон маъруфанд. Инчунин навъҳои Сентябрӣ, Соперница, Юбилейная, Сочинская, Олуи сиёҳи Самарқандӣ, Артон, Бертон ба онҳо баробаранд.

Навъҳои Анна Шпет, Кирке, Империал Эпинез, Венгеркаи Кубанӣ, Венгеркаи Шутунӣ, Тулеи грас, Арвита, Альвена, Голден чёрная, Барвақтии Кабардинӣ, Президент, Венгеркаи кадринӣ, қоқи баландсифат медиҳанд.

Дар баробари ин навъҳо Баллада, Венгеркаи кавказӣ, Венгеркаи деррас, Венгеркаи тошкандӣ, Венгеркаи нофармон, Волошка, Кубанская легенда, Кубанская карлик, Осений сувенир, Подруга, Синая птица, Стенлий, Ренколд алтана, Ренколд зелёний, Мирабели Нансӣ, Кирке (Урожайная синяя), барои истеҳсоли олуи қоқ истифода бурда мешаванд. Баромади меваи қоқи навъҳои зикршуда 19-32,6 % -ро ташкил медиҳад.

Як қисми ин навъҳо аз солҳои 60-уми асри гузашта дар ҷумҳурии мо ва Узбекистон низ парвариш карда мешуданд. Навъҳои Венгеркаи итолиянӣ, Венгеркаи ажани, Венгеркаи нофармон, Анна Шпет аз соли 1965 дар Ҷумҳурӣ ноҳиябандӣ гаштааст.

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар шароити Ҷумҳурӣ ҳосилнокии онҳо аз 80 с/га (Ренколд зелёный) то 180 с/га (Венгеркаи ажанӣ) ва баромади меваи қоқ 19,3 % (Анна Шпет) - 28,8% (Бертон) ташкил додааст.

## Интихоби замин

Интихоби дурусти майдон барои бунёди боғи олу аз чорабиниҳои асоси ба ҳисоб меравад. Ҳангоми гузаронидани ин

чорабиниҳо хусусияти иқлими маҳал, хосияти биологии ин зироат ва самти истифодабарии маҳсулоти истеҳсолшавандаро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Дар шароити ҷумҳури асосан ба реҷаи намнокии хок ва манбаи обтаъминкунӣ низ диққат бояд дод. Азбаски олу дарахти барвақтгулкунанда, аст хусусан дар минтақаи Тоҷикистони марказӣ бештар аз хунукиҳои баргардандаи баҳори осеб мебинад, интихоби заминҳои нисбатан баланди нишебӣ дошта беҳтар аст. Инчунин ҷойгиршавии обҳои зеризамини ва миқдори намакҳои хлоридӣ ва сулфатию бикорбонатии таркибаш ба ҳисоб гирифта шавад.

## Ташкили қаламрави боғ

Бунёди боғҳои содиротию ба раванди хушккунии истифодашавии ҳосили олу ё майдонҳои алоҳидаи он, ташкили дурусти каламравро талаб мекунад. Дар мавриди таҳрези намудани нақшаи боғ, барои қитъаҳои олӯ майдони мувофиқ ҷудо кардан лозим аст.

Агар қитъаи барои олу ҷудо карда дар як майдон бо дигар намуди дарахтони мевадиҳанда бошад, он гоҳ барои бо муносиб гузаронидани корҳои агротехникӣ хуб мешавад, ки онро дар бари қитъаҳои олуча, зардолу, шафтолу, ки қариб коркарди якхела доранд, ҷойгир кардан беҳтар аст.

Шакл ва андозаи қитъаҳо аз тарҳи қитъа ва майдони умумӣ вобастагӣ дорад. Дар майдонҳои ҳамвор андозаи қитъаҳо 10-15 гектар шуданаш мумкин, лекин вобаста аз шароити мавҷуда зиёд ё кам шуданаш аз назар дурр нест. Бо мақсади зиёд намудани самаранокии корҳои техникӣ, дарозии қаторҳо бояд аз 200 м кам набошад.

Дар заминҳои ҳамвор дарозии қаторҳоро ба самти ҳаракати шамол ҷойгир мекунанд. То ки аз таъсири шамол дар давраи зимистонгузаронӣ, нашъу нумӯи дарахтон, хусусан пеш аз пухтани мева зарари кам бинад. Дар заминҳои нишеб дарозии

қаторҳо ба бари нишеби ҷойгир карда мешавад. Чунки дар ин ҳолат пеши шусташавии хок гирифта мешавад, аз тарафи дигар ин имконият медиҳад, ки дарознокии мазраи трактор дарозтар шавад. Дар минтақаҳои шамоли сахт дошта, бари қитъаҳо аз 100-150 м зиёд тавсия карда намешавад, то ки манфиатнокии таъсири хатҳои шамолгардон зиёд бошад. Дар ин маврид дарозии қитъаҳоро бо равиши ҳаракати шамол мувофиқ мекунанд ё ин ки хатҳои шамолгардон мешинонанд.

Хатҳои шамолгардонро аз дарахтони ар-ар, чормағз, тут ё ин ки дигар дарахтони аҳамияти хоҷагӣ, дошта бунёд кардан лозим. Лекин дарахтоне ки ба олу касалию ҳашаротҳои зараррасони якхела доранд тавсия карда намешаванд.

## Тайёр кардани замин ва шинонидани ниҳолҳо

Пеш аз бунёди боғ, як қатор корҳои мелиоративӣ - тахту ҳамворкунии замин, сохтмони заҳбурҳо, кандани ҷуйборҳои обҷамъкун ва обпарто, ки барои пешгирии боғ аз сернамшавию шусташавии хок муҳиманд, гузаронида мешавад.

Дар заминҳои нишебиашон аз 12° то 18° бо воситаи испорҳои чуқур шудгоркунанда ва булдозерҳо зинаҳо сохтан лозим. Сипас заминро аз ҳамаи ашёҳои нолозима тоза карда, ба ҳар гектар 40-60 т пору, 90-120 килограмми нуриҳои нитрогенӣ, фосфордор ва калий пошида, дар чуқурии 40-60см шудгор кардан зарур аст. Ин имконият медиҳад, ки моддаҳои ғизоӣ ва қабати ҳосилдори болоии хок дар қисмати ҷойгиршавии решаҳо ҷойгир шавад.

Агар боғро дар тирамоҳ бунёд кунанд, он гоҳ шудгори чуқурро охири баҳор ё аввали тобистон, ҳамон сол мегузаронанд. Барои дар баҳор шинонидани боғ, ин амалро дар тирамоҳи соли пешин иҷро бояд кард.

Пеш аз шинонидани ниҳолҳо замини шудгоршударо ҳамвор ва мола намуда, ҷойи ниҳолҳоро аз рӯи нақшаи 6х4, 5х4м, вобаста аз сохти ояндаи боғ ва техникаи мавҷуда муайян

мекунанд. Бо назардошти аз намуд ва таркиби хок, чуқурии шудгори гузаронидашуда, қабати шахшудаи карбонатии хок, чуқуриҳоро бо андозаи 50х50х50, 50х50х60, 60х60х70 см, ҳатто дар заминҳои санглох ва қабати карбонати шахшуда дощта 1х1х1м кандан мувофиқи мақсад аст. Дар мавриди кандани чуқурӣ, хоки серғизои болоиро ба як тараф ва қабати поёниро ба тарафи дигар мепартоянд. Хокпуш кардани ниҳолро аввал бо хоки қабати болоӣ ва баъд бо қабати поёнӣ амалӣ мегардонанд.

Агар пеш аз шудгор ба замин поруҳои органикӣ ва нуриҳои минералӣ андохта нашуда бошад, он гоҳ ба хоки ҳар чуқури 10 кг поруи пӯсида, 60 грамми ннуриҳои итрогенӣ, фосфор ва калий омехта кардан, тавсия мешавад.

Ниҳолҳоро ба сари замин оварда, 2-3 соат пеш аз шинонидан, навдаҳои зиёдатӣ ва решаҳои шикастаи захмини онҳоро бурида, решаи онҳоро дар лойқаи аз обу хоку пору тайёр кардашуда ду соат тар кардан, хело муфид аст. Бо назардошти хусусияти бологии аз  ҳамдигар гардолудшавии як қатор навъҳои олу тавсия мегардад, ки дар як қитъа 2-3 навъҳои давраи гулкуниашон ба ҳам мувофиқ ҷойгир карда шавад.

Бояд қайд кард, ки дар як майдон навъҳои аз ҷиҳати муҳлати пухта расидани мева ба ҳам наздик, интихоб карда шавад. Чунки навъҳои муҳлати пухтарасиданашон гуногун барои гузаронидани чораҳои муборизаи зидди касалию ҳашаротҳо ва ғунучини ҳосил, мушкили ба миён меорад.

Дар ҳар қатори 3-ум, ё ниҳоли 3-ум навъи гардолудкунанда бояд шинонида шавад. Лекин ин нақша барои майдонҳои калон қобили қабул нест. Бинобар ин бо таври тасмаги ҳар як навъро 4-6 қаторӣ баъди якдигар шинонидан  самараноктар ба ҳисоб меравад.

Ниҳолро бояд ду нафар шинонад. Як нафар ниҳолро ба қатор нигоҳ карда  рост ва ҷои пайвандро 2-3 см аз сатҳи хок баланд медорад. Агар нисбати реша чуқури калон бошад, аввало дар байни он аз хоки серғизо рехта тепача мекунанд, баъд

ниҳолро тарзе ба болои он мегузоранд, ки решаҳои паҳлуӣ ба ҳар тараф равон бошанд. Шахси дуюм аввал хоки қабати болоиро ба атрофи реша мепартояд, пас хоки қабати тагро ба болои он партофта бо пой сахт пахш мекунад. Новобаста аз намнокии хок ба бехи ҳар ниҳол 10-15 л об рехтан тавсия мешавад. Баъди анҷоми шинонидани ниҳолҳо, бо назардошти шакли шохсори оянда ҳамаи ниҳолҳоро дар баландии якхела (60-100 см) аз сатҳи хок мебуранд.

Бо мақсади дар оянда рост сабзидани соқи дарахтон, муҳофизат намудани он аз шикастан аз бехи ниҳолҳо 8-10 см дуртар мехчӯбҳои рости 100-120 см дарози доштаро ба замин зада, ба он, бо тасма ё канаб, дар шакли рақами «8» дар баланди 55-70 см ниҳолро мебанданд.

## Коркарди агротехникии боғи олу

Сермаҳсули, сифатнокии мева ва самаранокии боғи олу аз сари вақт ва дуруст иҷро намудан як қатор чорабиниҳои агротехникӣ, нигоҳу бини дарахтон вобаста аст.

Коркарди агротехникӣ вобаста аз таркиби боғ, намуду навъҳо, тагпайванд, шакли дарахтон, шароити хоку иқлими маҳал, самти таъиноти маҳсулоти истеҳсолшаванда дар маҷмӯъ, гузаронида мешавад. Ягон усули коркарди агротехникиро ба дигараш иваз намекунанд. Чӣ қадаре боғ сермаҳсул бошад, ҳамон қадар сатҳи гузаронидани коркарди агротехникӣ бояд баланд ва сифатнок бошад. Ба маҷмӯи коркади агротехникии боғҳои олу чунин чорабиниҳо: коркарди хок, ғизодиҳӣ, обмонӣ, шаклдиҳӣ, навдабӯрӣ, нигоҳубини ҳосил, таъмиру, барқарорсозии боғот ва ҳифзи он аз ҳашароту касалиҳо, дохил мешаванд.

Дар боғҳои ҷавони олу коркади агротехникӣ ба таъминкунии шароит барои қадкашии ниҳолҳо ва инкишофи хӯби реша, дуруст ба шакл даровардани дарахтон ва тайёр намудани онҳо ба ҳосилбандӣ равона карда мешавад. Вобаста аз

қабилияти қадкашии ниҳол дарозии солонаи шоҳнавда аз 80-140 см ва навдаҳои паҳлӯи аз 60 -100 см набояд кам бошад. Ба чунин натиҷа дар асоси коркади дурустӣ хок, ба намию ғизо таъмин будани боғ ва ҳифзи он аз ҳашаротҳою касалиҳо расидан мумкин аст.

Вазифаи асосӣ дар нигоҳубини боғҳои ҳосилдиҳандаи олу-нигоҳдории қадкашии хуби ниҳолҳо ва ҳарсол, ба даст овардани ҳосили баланди хушсифати дар шароити маҳал имконпазир буда бо хароҷоти ками меҳнатӣ бо воҳиди маҳсулот (кг, сентнер, тонна) аст. Инчунин то ҳадди имкон дароз намудани давраи маҳсулнокии боғ ва ҳифзи он аз омилҳои муҳити беруна мебошад. Тахминан, дар ин давра қадкашии навдаҳои солона 30-40 см-ро ташкил мекунад.

## Шаклдиҳии шохсор ва буридани шоху навдаҳо

Шаклдиҳӣ ва буридани шоху навдаи дарахтони мевадиҳанда чорабинии агротехникиест, ки мунтазам барои танзими сабзиш, рушд ва баланд бардоштани маҳсулнокию сифати меваи онҳо гузаронида мешавад. Бинобар ин мақсад ва вазифаи буридан, аз хусусиятҳои биологии намуд ва навъ, синну сол, шароити хоку иқлими маҳал, сатҳи гузаронидани корҳои агротехникӣ, ҳолати дарахтон, таркиби боғ, шароити ташкилии иқтисодӣ ва дигар омилҳо бармеояд. Навдачаҳои самаровари олу 10 – 12 сол умр мебинанд, аммо вобаста аз ҷойгиршавӣ, шароити таъмини рушноӣ ва тарзи гузаронидани буридани шоху навдаҳо бештар 2 – 8 сол ҳосил мебананд. Аксаран узвҳои ҳосилдиҳанда дар навдаҳои 2 – 5 сола ҷойгиранд. Онҳо дар навдаҳои 7 – 8 сола хушк шуда меафтанд, ё боқӣ монанд ҳам ба миқдори хело кам. Ҳосил бештар дар навдаҳои 3- 4 сола пайдо мешавад. Дар боғҳои ҷавон (то 4 – 6 сола), дар натиҷаи дуруст буридан қадкашӣро беҳтар карда, ба дарахтон шакли интихобкардашударо медиҳанд. Ҳамзамон дарахтро тавре мебуранд, ки навдаҳо дар шохсор баробар ҷойгир шаванду

мустаҳакамшавии онҳо таъмин гардад, рушноӣ низ ба шохсор баробар расад. То ин, ки дар оянда барои гузаронидани корҳои механикӣ ва дастӣ дар олузор, аз он ҷумла ҷамъоварии ҳосил, мусоидат кунанд. Барои тез ба ҳосилдароии ниҳолҳои ҷавон низ кӯшиш кардан зарур аст.  Дар боғҳои ҳосилдиҳандаи олу буридан бо мақсади таъмин намудани қадкашии дарахтон, ба танзим даровардани ҳосилнокии ҳарсола, сифатнокии мева ва дароз намудани мӯҳлати маҳсулнокии олу, инчунин роҳ надодан ба калоншавии дарахтон ба қаду бар, анбӯҳшавии даруни шохсор, гузаронида мешавад.

Имрӯз дар боғдории ҷумҳурӣ чунин тарзҳои буридани дарахти олу тавсия карда мешавад: кутоҳкунӣ (бурида кутоҳ кардани навдаҳо), тоқакунӣ (бурида, канда партофтан), паст кардани қади дарахтон ва калаккунӣ. Ҳангоми кутоҳ кардан танҳо қисми навдаҳои солона, бисёрсола, ё ин ки ҳосилдиҳандаро (зиреҳнавдаҳо, навдачаҳои кутоҳи гулӣ, навдачаҳои мевадиҳанда) бо андозаи 1/2 - 1/3 мебуранд: дар мавриди тоқакунӣ як микдор узвҳои номбаршударо аз бехашон бурида (канда) мегиранд. Қади дарахтони аз меъёр баландшударо бо чунин тарз паст мекунанд. Дар навбати аввал шоҳнавдаро бо дарозии 1,5 метр болотар аз навдаҳои тоқаи синҷии панҷум ё ҳафтум кутоҳ мекунанд. Навдаи тоқаи болоӣ аз ҷиҳати ғафсӣ,  бояд бо шоҳнавда қариб баробар ва кунҷи ҷойгиршавиаш аз $45^0$ кам набошад. Пас навдаҳои паҳлуии шохҳои синҷии қабати болоӣ кутоҳ карда мешавад.

Каллаккунии дарахти олуро барои дароз кардани давраи маҳсулнокии дарахтони синну солашон калон, иҷро мекунанд. Дар мавриди каллаккунӣ навдахои синҷӣ ва сабзандаро ба андозаи 1/3 -  1/2  ҳиссаи дарозашон кутоҳ мебуранд. Дар баробари ин навдаҳои синҷӣ, нимсинҷӣ ва сабзандаи шикастагӣ, касал, хушк ва аз касалию ҳашаротҳо зарардидаро, бурида мепартоянд. Баъди каллаккунӣ аз ҳисоби навдаҳои навсабзида барои барқароркунии шохсор навдаҳои пурқувват ва мувофиқ

ҷойгиршударо интихоб намуда, зиёдатиашонро аз бех бурида мепартоянд. Пас аз ду-се сол дарахт ба ҳосили пурра даромада, меваaш хушсифат мегардад.

Дар шароити ҷумҳурӣ шоху навдаи олуро аз охири тирамоҳ, пас аз хазонрезӣ то кушодашавии муғчаҳо дар баҳор, бо истисной рӯзҳои сард дар вақти аз - 5⁰С паст будани ҳарорати ҳаво ва рӯзҳои намноку туманнок буридан мумкин аст.

Барои беҳтар сабзида маҳкам шудани ҷароҳатҳои дар натиҷаи буридан ва ғайра пайдошуда, ки қутрашон аз 2 см калонтар аст, чунин тавсия карда мешавад: бо воситаи теғи тези қайчии дарахтбурӣ ё корди токбурӣ рӯи захмро тарошида тоза карда, пас ба болояш хамираи боғӣ ё ин ки ранги зард, қаҳваранги дар алифи растанигӣ тайёр кардашуда, молидан ба мақсад мувофиқ аст. Инчунин метавонед саргини нави говро бо хок омехта, лой карда истифода баред.

Буридани шоху навдаҳо аз шаклдиҳии дарахтон сар мешавад. барои олу якчанд сохти қабулшудаи шохсор кор карда баромада шудааст; ки нисбатан ба биологияи он мувофиқ ва дар истеҳсолот истифода бурда мешавад: беқабат, қабат-қабати сарак, косашакл ва нимтахт мебошанд.

Сохти беқабат ва қабат-қабати сирак, барои бунёди шохсори муддавар истифода мешаванд. Барои ташакули шохсори беқабат, шохи якум дар баландии 60-70 см ва шоххҳои минбаъда паси ҳамдигар дар баландии 30-40 см гузошта мешаванд. Ин сохти шохсор аз 5-7 шохи асоси ё ин, ки синҷи иборат мебошад.

Чунин сохти шохсор барои навъҳои қувваи сабзишашон ва шохрониашон баланд (Венгеркаи хонагӣ, Венгеркаи ожанӣ, Изюм-Эрик ва ғайра ) мувофиқ мебошад. Сохти қабат –қабати сирак барои навъҳои қобилият шохронии миёна дошта (Венгеркаи итолявӣ ва ғайра) тавсия мешавад.

Шохсори косашакли беҳтаркардашуда - ин намуди шохсорро дар муддати 1-2 сол аз 3-4 навдаҳои синҷӣ бунёд карда

мешавад. Дар атрофи тана навдаҳои синҷӣ ба масофаи 10-20 см аз якдигар ҷойгир карда мешаванд.

Минбаъд дар масофаи 40-60 см аз поя ва аз якдигар 2-3 навдаи тартиби дуюм тарзе гузошта мешавад, ки муқобили навдаҳои дигар набошад. Дохили шохсорро ҳамеша кушода нигоҳ дошта, навдаҳои рост ва ба тарафи тана сабзидаро бурида мегиранд. Ҳаҷми чунин шохсор - қадаш аз 3,5 – 4 м ва бараш 4-5 м набояд зиёд шавад.

Шохсори нимтахт аз се қабат сохта мешавад. Қабати якум, дар баландии 60-70 см аз сатҳи замин, дуйюм 50-60 см аз қабати якум ва сеюмро - 30-40 см, аз қабати дуюм боло ҷойгир мекунанд. Дар қабати сеюм 2-3 шохро танҳо гузоштан мумкин аст.

Қабати якум бо кунҷи 12-15$^{O}$ муқобили равиши қатор гузошта мешавад. Қабати дуюмро чунин гузоштан мумкин, ба шарте, ки шохҳо болои якдигар набошанд. Шохҳои қабати сеюмро ба барии қатор мегузоранд. Ин намуди шохсорро аз 5-7 шохи асосӣ мепарваранд ва шохҳои қабати якуму дуюм сохти «Х» бояд ҷойгир шаванд. Шохчаҳо ва навдаҳо монанди дигар намуди шохсорҳо гузошта мешавад. Ин намуди шохсорро дар навъҳои Венгеркаи хонагӣ, Ренколд зелений бунёд кардан осонтар мебошад.

**Истифодабарии хок**

Пас аз бунёди боғ, вобаста аз шароити хоку иқлими маҳал, навъҳо, тагпайванд ва таъмини намнокӣ, раванди истифодабарии хокро дар он муайян мекунанд. То имрӯз дар асоси таҷрибаҳои илмӣ усулҳои замини дамдодашуда, чимтолкунию марғзоркунӣ, дамдодашудаи сидерали (ё инки поруи сабзкунӣ), чимтолию гумускунонидашудаи истифодабарии хок, дар боғҳо пешниҳод карда шудааст.

Коркарди хокро тарзе гузарондан лозим аст, ки он аз таъсири бод ва об хароб нашавад. Дар байни қаторҳои боғҳои ҷавони олу чанд сол зироатҳои зеринро - пахта, сабзавот,

лӯбиёгиҳо, алафҳои яксола полезиҳоро кишт кардан мумкин аст. Дар байни қаторҳои боғҳои дар замини лалмӣ бунёдгашта барои поруи сабз кишт кардан алафхои яксола - мушунг, наск, нахуд, зағир, тавсия карда мешавад. Хубтараш замин бо усули дамдиҳӣ нигоҳ дошта шавад. Кишти растаниҳои баландпоя: офтобпараст, ҷуворимакка, тамоку ва ғалладонагиҳо дар байни қатори боғҳо тавсия дода намешавад. Бехи ниҳолҳоро вобаста аз синну сол ва шохсорашон бояд ҳамеша нарм ва аз алафхо тоза нигоҳ дошт.

Шудгори байни қаторҳои боғҳои ҷавон дар чуқурии 30-50 см ва боғҳои ҳосилдиҳанда 18-22 см гузаронида мешавад.

**Ғизодиҳӣ**

Талаботи дарахтони олу ба нуриҳои органикию минералӣ аз як қатор шарту шароит вобаста аст: синну соли дарахт, обӣ ё лалмӣ будани боғ, усули истифодабарии хок, таркибу ҳосилнокии хок ва ғайра. Дарахтони олу бо нуриҳои нитрогению калийгӣ, нисбат ба фосфордор серталабанд. Аз ин лиҳоз. мунтазам ба хоки боғҳо нуриҳои органикию минералӣ истифода кардан лозим аст. Вобаста аз омилҳои зикршуда ба ҳар гектар боғ доданӣ 20-60 тонна порӯи пӯсида, 100-120 кг N, 60-80 кг $P_2$ O5, 50-60 кг К ( аз рӯи моддаи таъсиркунанда) тавсия карда мешавад.

Нуриҳои органикӣ ва минералӣ (фосфору калийро) 2-4 сол пас як маротиба, тирамоҳ ва ё аввали баҳор, дар чуқурии 30-50 см (боғҳои ҷавон) ва 18-22 см (ҳосилдиҳанда) ба замин менадозанд. Нуриҳои нитрогениро бошад, ҳар сол дар давраи сабзиш (саршавии гулшукуфӣ, пас аз давраи ғӯракрезӣ ва дар давраи муғчагузорӣ (аз 15 июн то 15 июл), мутаносибан 20-40 кг бо моддаи таъсиркунанда) истифода кардан беҳтар аст. Инчунин дарахтони мевадиҳанда аз хок як қатор макро -ва микроэлементҳо - кальций, магний, оҳан, сулфур, синк, молибден, марганец, бор ва мисро - истифода мебаранд. Норасогии онҳо мумкин аст ба вайроншавии фаъолияти ҳаётгузаронии ниҳолҳо оварда расонад.

**Обёрӣ**

Дарахтони олу бо речаи обӣ серталабанд. Мавриди пурра аз намӣ таъмин будан, ҳосилнокии онҳо 1,5-2,5 маротиба баланд мегардад. Аз ин лиҳоз, дар шароити ҷумҳурӣ мо меъёри солонаи обмонӣ 4-6 ҳазор м$^3$ буда, ки, ҳаҷми он аз миқдори боришоти атмосферӣ, таркиби хок, бухоршавӣ, усули обмонӣ ва ғайра вобаста аст. Обмонии боғҳо ду намуд мешавад. Обмонии захиравӣ ва давраи нумувӣ. Обмонии захиравиро дар тирамоҳ ё аввали зимистон мегузаронанд. Ин бештар дар минтақаҳое, ки намнокӣ кам асту тобистон об барои обмони камӣ мекунад, аҳамияти калон дорад. Дар ҳолати гузаронидани обмонии захирави намӣ дар хок бояд, то чуқурии 1,5 – 2 м шинад.

Мӯҳлати обмонии даварваи нумӯъ, бояд ҳатман ба давраҳои инкишофи узвҳои растанӣ мувофиқ кунонда шавад. Нишонаи асосӣ барои режаи обмонӣ - ин меъёри камтарини намбардории хок мебошад. Намбардории пурраи қабати ҷойгиршавии решаҳои ҷаббанда дар регзорҳо на бояд аз 60%, регхокҳо -, 65-70%, реггилхокҳо 70-75% ва гилхокҳо 75-80% кам набошад. Вобаста аз намуди хок меъёри обмонии захиравӣ 1300 – 2000 м$^3$ ва давраи нумӯ 400-1200 м$^3$ дар як гектар мебошад.

Миқдори обмонии давраи нумӯ вобаста аз шароити хоку иқлим ва ҳаво, шакли боғ, усули истифодабарии хоки байни қаторҳо муайян карда мешавад. Дар шароити ҷумҳурӣ вобаста аз минтақаҳо ва шакли боғ 5-8 маротиба об додан зарур аст.

Дуруст риоя накардани речаи обмонӣ, сабаби кафидани меваҳо мегардад. Дар ҳолати якхела нигоҳ доштани намнокии хок, меваҳо хело кам мекафанд. Дар боғҳои меваашон барои хушконидан истифодашаванда, бо мақсади паст нагардидани сифати мева, 25-30 рӯз пеш аз ҷамъоварии ҳосил обмониро қатъ мегардонанд.

Таҷрибаҳои боғдорӣ ва пешравиҳои илм нишон додаанд, ки боғҳоро бо усулҳои ҷӯяк, ҳавзча, тасмагӣ, обпошӣ, бо қубурҳои зери хокӣ ва қатрагӣ, об мондан мумкин аст. Дар боғдории

Тоҷикистон бештар усули бо ҷӯяк обмониро истифода мебаранд.

Хушсифат ва саривақт гузаронидани чорабиниҳои номбаршуда имконият медиҳад, ки дарахтон хуб нашъу нумӯ карда, тез ба ҳосил дароянд, мунтазам маҳсулнокиашон баланду давомнок шуда, дар муддати кӯтоҳ даромади соф диҳанд.

## Ҳашаротҳо ва касалиҳои зарарасони олу

Олу низ чун дигар дарахтони мевадиҳанда дар тамоми манотиқи парваришаш, аз як қатор ҳашаротҳою касалиҳои замбуруғӣ, бактериявӣ ва вируси осеб мебинад. Ҳашаротҳои асосии зарарасони олу: канаи сиёҳтоби мева, нӯлдарозак (казарка), сипарболаки калифорни, сипарболаки қалбакии ақоқиё, сипарболаки Осиёгии олу, кирми шапалаки абрешимресаки ҳалқагузор, баргпечонаки садбарггулон, ширинчаи чангмонанди олу, кирми меваи олу, рандачаи сиёҳи олу, филчаи каҷдоғи баргхӯр мебошанд. Аз касалиҳои замбӯрӯғӣ, хол-хол (клястероспориоз), обсӯз ё пӯсиши мева (монилиальный ожаг), доғзании сурхи баргҳо (полистигмоз), кисаравонии олу, бармаҳал хушкшавии дарахтон, пажмурдашавӣ, ситоспороз ва вирусӣ: оспа ё шаркаи олу, доғҳои ҳалқашакли хлоротикӣ ва некротикӣ бештар ба олу зарар мерасонад.

Чорабиниҳо оиди муҳофизати олузор аз хашаротҳои зарарсанон ва касалиҳо бояд дар маҷмуъ (комплекси) бошад, яъне ҳамаи омилҳои ташкилӣ, агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ, дар пайвастагӣ истифода гарданд, то ки инкишофу самаронокии дарахтонро беҳтар созанд, афзоиши зарарасонии организмҳои патогениро маҳдуд гардонанд.

## Истифодаи заҳрхимикатҳо ва меъёри он ва истифодабарии онҳо

| № т/т | Номи заҳр-химикатҳо | Меъёри сарфи заҳр-химикат, л/т, кг/т | Зараррасонҳо, касалиҳо |
|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 |
| 1. | Лепидотсид, п (БА-3000 ЕА/мг) | 1,0 – 1,5 | Тиллодумаки туркистонӣ, баргпечонакҳо, кирми абрешимресаки ҳалқатоб |
| 2. | Битоксибат-силин, ПБА – 1500 ЕА/мг | 2,0 -2,5 | Тиллодумаки туркистониӣи, миттаи мева, кирми абрешимресаки ҳалқатоб |
| 3. | Битоксибатсислин. ТАБ (БА-1500ЕА/мг) | 8 – 6 табл./л об | Тиллодумаки туркистонӣ, миттаи мева, баргпечонакҳо |
| 4. | Карбофос, с.п. | 60 г/10 л об | Нулдарозакҳо, канаҳо, ширинча, баргпечонакҳо, мевахӯуракҳо, сипарболакҳо |
| 5. | Сумитион, к.э. 500 г/л | 1,0 – 2,4 | Мевахӯраки олу, зиреҳакҳо, сипарболакҳо. |
| 6. | Самурай, к.э. 500г/л | 1,0 – 2,4 | Мевахӯраки олу, зиреакҳо, сипарболакҳо. |
| 7. | Золон 35% к.э | 0,8-2,8 | Мевахӯракҳо, баргхӯракҳо, чубхӯракҳо, ширинча, канаҳо |

| Мӯҳлат ва тарзи истифродбарии заҳрхимикат | Мӯҳлати интизорӣ, рӯз | Микдори коркард |
|---|---|---|
| 4 | 5 | 6 |
| Дар давраи нашъунамо бар зидди хар як насл пошида мешавад | 5 | 1 - 2 |
| Дар давраи нашъунамо ба муқобили ҳар насл баъди 7-8 рӯз пошида мешавад. Сарфи маҳлул аз 2 то 5 л ба 1 дарахт | 5 | 1 - 2 |
| Дар давраи нашъунамо бо мукобили ҳар насл, баъди 7-8 рӯз пошида мешавад. Сарфи маҳлул аз 2 то 5 л ба 1 дарахт | 5 | 1 - 2 |
| Дар давраи нашъунамо пошида мешавад. Сарфи маҳлул 2 -5 л ба 1 дарахт (вобаста аз синну соли дарахтон) | 30 | 2 |
| Дар давраи нашъунамо | 15 | 1 |
| Дар давраи нашъунамо | 20 | 2 |
| Дар давраи нашъунамо | 30-40 | 2 |

| | 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|---|
| 8. | Би-58 новый | 0,8-2 | Мевахӯракҳо, баргхӯракҳо, чубхӯракҳо, ширинча, канаҳо, сипарболакҳо |
| 9. | Детсис | 0,5-1 | Мевахуракҳо, баргпечонакҳо, ширинча, сипарболаки бунафш |
| 10. | Омайт 570 EW57% к.э.в (р) | 1,5-3 | Канаҳо |
| 11. | Препарати №30 | 40-100 | Зиреҳакҳо, канаҳо, баргпечонакҳо, ширинча,сипарболакҳо |
| 12. | Фозалон, к.э. 350г/л | 2 – 2,4 | Баргпечоннакҳо, ширинча ва митта |
| 13. | Байлетон 25% с.п | 0,06-12 | Хол-хол, пӯсиши мева, обсӯз |
| 14. | Купороси мис, р.п (960г/кг) | 50 – 100 г/л об | Обсӯз, хол-хол, кокомикоз, печиши барг |
| 15. | Маҳлули бордоси, п | 300 г сулфати мисс + 400 г охак/10л об | Обсӯз, хол-хол, кокомикоз, печиши барг |
| 16. | Оксихрлориди мис, с.п. (900 г/кг) | 4 - 8 | Обсӯз, хол-хол, кокомикоз, печиши барг |
| 17. | Хорус, ВДГ 750г/кг | 2 3,5г/л об | Обсӯз, хол-хол, кокомикоз, печиши барг |

| 4 | 5 | 6 |
| --- | --- | --- |
| То давраи гулшукуфӣ ва баъд аз гулшукуфӣ | 40 | 1 |
| Дар давраи нашъунамо | 30 | 2 |
| Дар давраи нашъунамо 0,15% маҳлули эмулсионӣ пошида мешавад | 45 | 1 |
| Аввали бахор, то кушодашавии муғҷаҳо | - | 1 |
| Дар давраи нашъунамо | 45 | 1 |
| Дар давраи нашъунамо | 10 | 2 |
| Баҳор, то кушодашавии муғҷаҳо | - | 1 |
| Баҳор, то кушодашавии муғҷаҳо | - | 1 |
| Дар давраи нашъунамо | 20 | 4 |
| Давраи нашъунамо  то гулшукуфӣ, фосилаи байни коркард 8-10 рӯз | 15 | 2 |

Интихоби дурусти қитъаи замин ва навъҳо, хангоми бунёди боғи нав, шинондани ниҳолҳои сифаташон баланди аз хашаротҳои хатарнок ва касалиҳо озод, истифодаи силсилаи пурраи коркарди агротехникӣ (беҳтар кардани ҳолати агрофизикии хок, додани ғизо ва об, ташкили сари вақтии навдабурии профилактикӣ, башақлдарории дарахтони ҷавон, маҳвкунии алафҳои бегона, ниғоҳдории замин, саривақт ҷамъоварии ҳосил, аз байни боғ ҷамъ карда сӯзондан ё пӯсондани барг ва шоху меваҳои осебдида ва дигар корҳо, ки ба беҳбудии ҳолати фитосанитарии дарахтони олу равона карда шудаанд), ба самаронокии ҳифзӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи чорабиниҳои кимёвӣ дар он сурат мақсаднок аст, ки дар олузор миқдори ҳашароти зараррасон аз меъёри муайян зиёд бошад ва чунин мӯҳлати коркардро бояд интихоб кард, ки хашарот камавҷ шавад. Ҳангоми истифодаи заҳрдоруҳо, меъёри масрафи онҳо ва маҳлули дурустро муқарар намуда бо назардошти инконияти маҷуда истифодаи якҷояи маҳлулҳои корӣ - зархимикату доруҳо - пешбин шаванд ва доруҳои гурӯҳҳои мӯхталифи кимиёвиро бо қадри зарурӣ  иваз кардан, бехтар аст.

Дар мавриди истифодаи заҳрҳои кимиёвӣ барои пешгирӣ намудани касалиҳо ва маҳв намудани хашаротҳои зараррасони олузор, барои заҳролуд накардани инсон ва хайвонотҳои хунгарму мӯҳити атроф, бояд аз маводҳои заҳрнокиашон камтар ва 20-25 рӯз пеш аз пухтани мева, истифода кард.

### Тайёр кардани қоқи олу

Барои истеҳсоли маҳсулоти сифаташ баланди қоқи олу, навъ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад: мевааш калон, лаҳмаш ғафс, донакаш аз лаҳм ба осони ҷудо шавад,

пӯсташ ғафс, қандаш баланд (на кам аз 10%) ва туршиаш (муътадил на зиёда аз 1,2%), ҳангоми хушккардан на бояд ширааш бароЯд.

Меваи олуро бо ду роҳ хушк мекунанд:

Дар сояи дарахт дар ҳавои кушод ва дар мевахушккунакҳои сунъӣ.

Пеш аз хушконидан, ба ҳар ду усул ҳам аввал меваҳоро аз рӯи андозаашон бо ду гурӯҳ ҷудо намуда, ҳар як гурӯҳро алоҳида хушк мекунанд. Барои тоза кардани қабати мумии болои пӯсти меваҳо ва тезондани муҳлати хушккуни меваҳои шусташударо 10-20 сония дар маҳлули 0,5-1,5% ишқордори ҷӯшомада ё оби ҷӯшомадаи беишқор тар карда мегиранд; Сипас, меваҳоро барои тоза кардан аз боқимондаи ишқор бо оби хунук шуста баъд ба ҷой хушккунонӣ мегузоранд.

Дар ҳавои кушод (сояи дарахтон), аввал заминро тахту ҳамвор намуда, ба болояш қоғаз ё фанер гузошта, пас ба болои он меваҳои барои хушконидан тайёр кардаро тунук мерезанд. Дар давоми 2-3 ҳафта ҳар рӯз ақалан як маротиба меваҳоро рӯйгардон мекунанд.

Дар ҳолати дар соя хушк кардан пеш, аз ҳама ба маҳсулоти ранги табиидошта ва нисбатан сиёҳи хушрӯйро ба даст овардан мумкин.

Дар мевахушккунакҳои баркӣ (кутии ҳарорат, накдҳо) меваи олуро вобаста аз ҳаҷми мева, дар муддати 18-36 соат, бо фосилаи мобайни 4-5 соат барои якхелашавии намнокии маҳсулот, дар ду навбат хушк мекунанд. Аввал 6-7 соат дар ҳарорати 45-55$^0$, то андак хушк шудан, нигоҳ медоранд. Сипас ғалберҳои мевадоро аз мевахушккунак бароварда, 4-6 соат хунук мекунанд. Пас аз хушконидан боз ғалберҳои мевадорро ба мевахушккунак гузошта, ҳароратро оҳиста то 70-75$^o$ расонида, дар давоми 15-20 соат хушккуниро давом медиҳанд.

Баъд аз пурра хушк кардан, як муддат барои якхелашавии намнокӣ онҳоро нигоҳ дошта, сипас меваҳои дилхоҳ хушкшударо ҷудо мекунанд.

Баъзан қоқи олуро бо глитсерин коркард мекунанд. Барои ин аввал қоқро ба воситаи буғ гарм мекунанд, ё ин ки 2 дақиқа дар оби ҷушонида тар мекунанд, пас аз он дар глитсерин тар карда дар болои ғалбер мегузоранд. То ки боқимондаи глитсерин аз мева чакида равад. Маҳсулоти бо глитсерин коркард шуда сатҳаш ҷилодор шуда, сифати молии он беҳтар мешавад.

Агар меваи олуро бо донакаш хушк кунанд, ҳамон лаҳза хушкмева тайёр мешавад, ки мағзи донак таъми бодомро гирад.

Қоқи тайёршударо аз рӯи сифаташ ба навъҳои молии экстра, олӣ, якӯм ва барои ошхона ҷудо намуда, тайёрнашударо аз нав хушк мекунанд. Тавсия карда мешавад, ки қоқи олуро дар қутиҳои чӯбӣ ё зарфҳои шишагӣ нигоҳ дошта шавад.

## Адабиётҳо


1. Еремин Г.В. Витковский В.Л. Слива. Москва «Колос» 1980, 254 саҳ.
2. Атлас лучших сортов плодово - ягодный культур Краснодарского Края. Т-2. Косточковые культуры. Дар зери таҳрири Г.В Еремин, Р.Ш Заремук Краснодар, 2009. 134 саҳ.
3. Вредителы и болезны сельхозяйственных культур Таджикистана. Дар зери таҳрири Назриқулов М. ва

Перегонченко Б.М. Душанбе - «Ирфон» 1968. 382 саҳ.
4. Розанов Б.С., Данилов В.Л., Скороход С.Т. Плодоводство Таджикистана. Душанбе - «Ирфон». 1970. 274 саҳ.
5. Помология Узбекистана. Дар зери таҳрири Мирзоев М.М, Кузнецов В.В ва дигарон. Тошканд, «Узбекистон». 1983. 246 саҳ.
6. Ҷалилов А.У., Вахидов А.А. Справочник по защите растений. Душанбе – 2010. 181 - саҳ.
7. Камолов Н., Ахмедов Т.А., Сафаралиев Х.С. Тавсиянома оид ба Технологияи парвариши олу ва хушконидани меваи он. Душанбе -2021 5-20 саҳ.

## БАРОИ ҚАЙДҲО

**Алоқа барои пешниҳодот ва камбудиҳо:**

Маркази миллии захираҳои генетикӣ
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Суроға: 735104, н. Рӯдакӣ
ҷ.-д. Сарикиштӣ, д. Маҳмадшои боло.
тел.: 378817786
Почтаи электронӣ: E/-mail: qeneticresources. Tj @ mail. ru